СУРАТМАҶЛИСИ № 52
Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии
ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ

20 июни соли 2026 **ш.Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 12 нафар иштирок доранд. Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1.Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани Холов Сафобахш Санақулович дар мавзуи «Ниҳоди Президент ҳамчун унсури асосии ҳокимияти давлатӣ: ташаккул ва рушди он дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ баромад намуд ва аъзои шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Шоназар (раис), доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон (аъзо) ва доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф (аъзо).

Қарор қабул карда шуд:

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Холов Сафобахш Санақулович дар мавзуи «Ниҳоди Президент ҳамчун унсури асосии ҳокимияти давлатӣ: ташаккул ва рушди он дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ таъйин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
– доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Шоназар;
– доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон;
– доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф.

Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____ / Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____ Сангинов Н.Н.